**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ БАЙНИДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ**
**“ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН”**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректор, раис**
**Шӯрои олимони ДСРТ**
**д.ф.н. ________ Н.Н.Салихов**
**«05» ___07___ 2018 г.**

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲ» (ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН)

*Қарори Шӯрои олимони ДСРТ*
*аз 04 июли соли 2018, протоколи №10*

**Душанбе – 2018**

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳ» (Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи воситаҳои ахбори омма, Оинномаи МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (минбаъд – ДСРТ), Низомномаи мазкур нашр мегардад.

1.2. «Паёми донишгох» соли 2002 таъсис дода шудааст. Муассис – муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» мебошад. Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, шаҳодатномаи қайди нашрияи даврӣ №599 аз 15 январи соли 2003, шаҳодатномаи аз нав ба қайд гирифта шудан №0026/ЖР аз 4 майи соли 2015 мебошад.

1.3. Низомнома оид ба маҷаллаи «Паёми донишгоҳ» аз тарафи Шӯрои олимон қабул гардида, бо фармони ректори ДСРТ тасдиқ карда мешавад.

1.4. «Паёми донишгоҳ» нашрияи обунавии даврии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла маводҳои оригиналии илмие интишор меёбанд, ки мушкилоти мубрами он соҳаҳои донишеро равшан месозанд, ки дар фаъолияти илмиву тадқиқотии ДСРТ муаррифӣ шуда, барои татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ба фаъолияти таҳсилотӣ равона карда шудаанд.

1.5. Дар «Паёми донишгоҳ» маводҳое интишор меёбанд, ки ба соҳаҳои зерини илмӣ ва гурӯҳҳои ихтисосҳо мутааллиқанд:

<u>Соҳаи I –илмҳои гуманитарӣ:</u>

1) 10.02.00 – илмҳои филологӣ (забоншиносӣ).

<u>Соҳаи II – илмҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ:</u>

1) 08.00.00 – илмҳои иқтисодӣ;

2) 12.00.00 –илмҳои соҳаи ҳуқуқ.

1.6. Даврияти маҷалла ба миқдори 4 шумора дар як сол (1 маротиба дар як семоҳа) бо ҳаҷми то 20 ҷ.ч. шартӣ муқаррар карда шудааст. Барориши шумораҳои махсуси маҷалла, замимаҳо оид ба соҳаи мушаххаси дониш низ пешбинӣ мешавад.

1.7. «Паёми донишгоҳ» дорои рақами ISSN АСТ, ки ин иттилоъ пайдо кардани нашрияҳои байналхалқии реферативиро дар бораи он таъмин месозад.

1.8. «Паёми донишгоҳ» ба низоми намояи (индекси) иқтибоскунии илмии Россия (РИНЦ), ки дар доираи барномаи Федералии мақсадноки илмиву техникии «Исследования и разработки по приоритетным направлениям развития науки и техники» коркард шудааст, шомил аст.

1.9. Маҷалла ба Номгӯи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва интишороти КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия ворид карда шудааст.

1.10. Барои таъмин кардани иттилоъ оид ба маводи дар маҷалла нашршаванда дар сайти донишгоҳ http://www.rtsu.tj, инчунин дар сайти китобхонаи илмии электронии http://www.elibrary.ru/ аннотатсияҳои мақолаҳо ва маълумот дар бораи муаллифон ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ дарҷ карда мешаванд.

## II. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТ ОИД БА БАРОРИШИ МАҶАЛЛА

2.1. Дар фаъолияти худ маҷалла принсипҳои ахлоқи интишориро ба роҳбарӣ мегирад. Меъёрҳои ахлоқии раванди интишорӣ дар сайти маҷалла ҷой дода мешаванд.

2.2. Роҳбарии интишори маҷалларо ҳайати таҳририя (минбаъд ҳайати таҳририя), амалӣ месозад, ки бо қарори Шӯрои олимони ДСРТ тасдиқ мегардад.

2.3. Ҳайати таҳририя маҷалла аз рӯйи принсипи намояндагии соҳаҳои гуногуни илм аз ҳисоби олимони пешбари ДСРТ, муассисаҳои дигари таълимӣ ва илмии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ ташаккул дода мешавад.

2.4. Ба ҳайати таҳририя сармуҳаррир, муовини вай, котиби масъул, аъзои ҳайати таҳририя дохил мешаванд.

2.5. Ҳайати таҳририяро сармуҳаррир сарварӣ менамояд, ки тадорукоти ҳамаи доираи корҳоро оид ба омодагии ҳар як шумораи маҷалла ба уҳда дорад. Сармуҳаррир метавонад қисми салоҳияти худро ба муовинаш диҳад.

2.6. Муовини сармуҳаррир супоришҳои сармуҳаррирро оид ба роҳбарии ташкили кори ҳайати таҳририя иҷро мекунад.

2.7. Котиби масъул воридшавӣ ва коркарди маводҳои супоридашударо назорат карда, қайди онҳоро таъмин месозад, риоя кардани талаботро нисбат ба таҳия кардани дастнависҳои мақолаҳо мувофиқи талаботи ГОСТ ва Қоидаҳо барои муаллифон назорат карда, дар ҳолати зарурат бо ташкили кори ҳайати таҳририя машғул мешавад.

2.8. Ҳайати таҳририя омода кардани маҷалларо барои интишор амалӣ месозад. Аъзои ҳайати таҳририя бо супориши сармуҳаррир дар таҳрири илмии мақолаҳо иштирок карда метавонанд.

2.9. Ҳайати таҳририя метавонад аз Шӯрои олимони ДСРТ иваз кардани мақоми маҷалла ва даврияти интишори онро дархост кунад.

## III. ТАРТИБИ БАРРАСӢ, ТАСДИҚ ВА ВА РАД КАРДАНИ МАҚОЛАҲО

3.1. «Паёми донишгоҳ» мақолаҳои ҳайати профессорону устодон, кормандони илмӣ, аспирантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистонро интишор медиҳад. Маҷалла инчунин ба олимон аз мактабҳои олӣ ва муассисаҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, хориҷаи дур ва наздик барои интишор додани маводҳои илмии худ имконият фароҳам меорад.

3.2. Дастнависҳои интишорот мувофиқи талаботи Қоидаҳо барои муаллифон таҳия мегарданд. Ҳангоми зарурат Қоидаҳо барои муаллифон на зиёдтар аз як маротиба дар як сол таҷдиди назар карда шуда метавонанд.

3.3. Муаллифон дастнависҳои худро дар шакли электронӣ бо чопи мақолаҳо дар як нусха пешниҳод мекунанд.

3.4. Ба дастнависҳои мақолаҳо тақризи мутахассиси соҳаи дахлдори илм бо дараҷаи илмии доктор ё номзади илм замима карда мешавад. Тақриз бояд дар ҷойи кори тақризнавис тасдиқ карда шавад.

3.5. Агар дар тақризи мақола нишондод оид ба зарурати коркарди иловагии он вуҷуд дошта бошад, ҳайати таҳририя мақоларо ба муаллиф барои коркарди иловагӣ равон мекунад.

3.6. Мақолаҳо бо тартиби навбати воридшавиашон ба таҳририя нашр карда мешаванд. Агар мақола ба муаллиф барои коркарди иловагӣ равон карда шавад, он гоҳ санаи аз тарафи муаллиф бозгардонидани мақолаи аз нав коркарди иловагишуда санаи воридшавии он маҳсуб меёбад.

3.7. Мақола бояд ба қоидаҳои таҳияи мақолаҳо барои маҷаллаи «Паёми донишгоҳ» мувофиқ бошад. Дастнависҳои бо вайронкунии қоидаҳои болозикр пешниҳодшударо таҳририя қабул намекунад. Котиби масъули ҳайати таҳририя метавонад мустақилона дастнависро барои коркарди иловагӣ равон кунад, агар таҳияи он ба қоидаҳои муқаррар кардашудаи таҳиясозӣ номувофиқ бошад.

## IV. ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

4.1. Маводҳо ба таҳририя дар ҳомили электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод мегарданд. Ҳаҷми мақолаи илмӣ набояд аз 1 ҷ.ч. зиёд бошад.

4.2. Дар саҳифаи аввали мақола дар тарафи чапи боло намояи УДК, минбаъд бо тартиби зерин: номи мақола, ному насаб ва номи падари муаллиф/муаллифон (пурра), дараҷаи илмии онҳо, унвони илмӣ, вазифа, ҷойи корӣ ва маълумот барои тамос (индекс, суроғаи почтавӣ, телефон, E-mail), резюме ба забони русӣ (200-300 калима) ва калидвожаҳо бо нуқтаву вергул (аз 3 то 10 вожа). Баъдан худи матни мақола оварда мешавад.

4.3. Резюме бояд сохторбанд дошта бошад, мазмуни асосии мақоларо аниқ нишон дода барои аз мақола алоҳида чоп шудан омода бошад.

4.4. Дар мақола овардани истинод ба манбаҳои иттилоъ (иқтибос, рақам) ҳатмист. Истинод бо тартиби иқтибосшавӣ дар матн оварда мешавад. Рақамҳои тартибии истинод бояд дар дохили қавсҳои квадратшакл бо нишон додани рақами саҳифа ва аз куҷо гирифта шудани иқтибос оварда шаванд.

4.5. Дар охири мақола рӯйхати адабиёт ба забонҳои русӣ ва англисӣ оварда мешавад. Рӯйхати библиографии мақола бо тартиби алифбо мувофиқи ГОСТ Р7.05-2008 таҳия мегардад.

4.6. Мақола бо резюме ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо нишон додани ному насаб (пурра), унвони илмӣ, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кори муаллиф/муаллифон (суроғаи почтавӣ, телефон, E-mail) ва калидвожаҳо ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ анҷом дода мешавад.

4.7. Барои таҳрир матнҳое қабул карда мешаванд, ки дар формати MS Word for Windows омода карда шудаанд. Шрифт – Times New Roman, андозаи шрифти матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, бо фосилаи якум, ҳошияи сархат – 1,25. Андозаи ҳошияҳо: аз боло – 2,5 см, аз поён – 2,5 см, аз чап – 3 см, аз рост – 1,5 см.

4.8. Ҳамаи саҳифаҳо, аз саҳифаи муаррифӣ сар карда, бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

4.9. Матни дастнависи ирсолшаванда бояд гунаи интиҳоӣ буда, ба таври муфассал аниқ ва ислоҳ карда шуда бошад.

## V. ТАРТИБИ ТАҚСИМОТ ВА ФУРӮШИ МАҶАЛЛАИ
### «Паёми донишгох»

5.1. Обунаи «Паёми донишгох» тавассути КВД «Почтаи тоҷик» амалӣ мегардад.

5.2. Ҳар як муаллифи мақола барои гирифтани нақши мақолаи дар маҷалла чопшуда ҳуқуқ дорад.

5.3. Тақсимоти ҳатмии ройгон тибқи феҳристи аз тарафи ҳайати таҳририя тасдиқшуда амалӣ мегардад.

## VI. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ НАШРИ МАҶАЛЛА

6.1. Маҷалла дар асоси маблағгузорӣ аз маблағҳои ДСРТ нашр мешавад.

6.2. Маблағҳои аз ҳисоби обуна ва фурӯши шумораҳои маҷалла ба дастомада ба таъминоти моддию техникии нашри маҷалла сарф карда мешаванд.

## VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

7.1. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур дар бораи маҷаллаи илмии «Паёми донишгох» (ДСРТ) бо роҳи таҳияи Низомнома дар таҳрири нав ва ё ба расмият даровардани тағйирот (иловаҳо) дар шакли замимаҳо ба Низомномаи мазкур дар асоси қарори Шӯрои олимони ДСРТ ворид карда шуда, ба маълумоти кормандон ва шахсони масъул ва манфиатдори донишгоҳ расонида мешаванд.

7.2. Нусхаи аслии Низомномаи мазкур дар Котиботи Шӯрои олимони ДСРТ нигоҳ дошта мешавад.

**ЗАМИМА**
*ба Низомнома оид ба маҷаллаи илмии*
*«Паёми донишгох» (ДСРТ)*

# РӮЙХАТИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯИ МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОХ» (ДСРТ)

## Аз рӯйи илмҳои филологӣ:

1. Солеҳов Нуралӣ Назарович, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, сармуҳаррири маҷалла (ш.Душанбе) (+992 37) 227 3550, http://www.rtsu.tj, rtsu-1996@mail.ru
2. Шамбезода Хусрав Ҷамшедович, доктори илмҳои филологӣ, профессор, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, муовини сармуҳаррири маҷалла (ш.Душанбе) (+992 44) 620 4225, shambezade56@mail.ru
3. Баратова Рано Воҳидовна, мудири шуъбаи таҳририву интишории Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, котиби масъули маҷалла (ш.Душанбе) (+992) 44 620 4234, 44 620 4207, vestnik_rtsu@mail.ru
4. Салимов Рустам Давлатович, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети филологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе) (+992) 93 478 9676, www.S83@mail.ru
5. Искандарова Дилоро Муқаддасовна, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносии назариявию амалии факултети филологияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе) (+992) 98 570 0800, iskandarova@hotmail.com
6. Мамадназаров Абдусалом, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш.Душанбе) (+992) 907 502 042, abdusalom@mail.ru
7. Турсунов Фаёз Мелибоевич, доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода (ш.Душанбе). (+992) 98 760 3436, fayzbakhsh@rambler.ru
8. Қосимов Олимҷон Ҳабибович, доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи лексикология ва истилоҳшиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллои Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе). olimjonk@yandex.ru

## Аз рӯйи илмҳои иқтисодӣ:

1. Султонов Зубайдулло Султонович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе). (+992) 37 227 85 83.
2. Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети иқтисодии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе). (+992) 37 227 3018, 900 06 8866, mashrab@mail.ru

3. Комилов Сироҷиддин Ҷамолиддинович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе). (+992) 37 227 1571, 95 143 3996, sirodj.tj@mail.ru
4. Тураева Мадина Октамовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, корманди пешбари илмии ФГБУН «Институт экономики РАН» (ш.Москва). Тел.: (499) 129 09 77, m.o.turaeva@gmail.com
5. Ткаченко Александр Александрович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти тадқиқоти муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ дар Донишгоҳи молиявии назди Ҳукумати Федератсияи Россия (ш.Москва) alaltkachenko@gmail.com
6. Плоских Елена Викторовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи Славянии Қирғизистону Россия ба номи Б.Елтсин (ш.Бишкек). (+996 550) 95 08 05; (+996 772) 53 00 54, ploskih_elena@mail.ru

**Аз рӯйи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:**

1. Золотухин Алексей Валеревич, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти, профессори кафедраи ҳуқуқи шаҳрвандӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе) (+992 37) 227 5337, 907 47 6060, mczolotoy@rambler.ru .
2. Султонова Таҳмина Истамовна, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкории Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе). (+992 37) 223 0460, 907 80 3202, sultanova77@mail.ru
3. Элназаров Давлатшо Хоҷаевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатию ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш.Душанбе). (+992 37) 227 8648, 918 61 1915, sabkar@list.ru
4. Тагаева Санавбар Назирқуловна, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи шаҳрвандӣ УВО «Университет управления ТИСБЦ» (ш.Москва).
5. Николаев Андрей Михайлович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи байналхалқии РУДН (ш.Москва) dr.andrey.nikolaev@yandex.ru
6. Исмоилов Шавкат Маҳмудович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодӣ (ш.Душанбе). shism@list.ru
7. Сафарзода Бахтовар Амиралӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш.Душанбе). (+992) 93 589 02 07 (м.), bakht-83@mail.ru

*Иҷрокунанда:*
*МШИ ДСРТ*
*Баратова Р.В.*
*(+992 44) 620 42 07*